“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”
Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор Ҷӯразода Ҷ.Ҳ.

_______________________

«26» марти 2021с.

# ХУЛОСАИ

## МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”

Диссертатсияи номзадии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна “Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба анҷом расидааст.

Дар давраи омодагӣ ба таълифи диссертатсия Ҳошимова Г.Г. ба сифати сармуаллимаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолият бурдааст.

Соли 1994 факултети педагогии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”-ро бо ихтисоси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Ҳошимова Г.Г. аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” соли 2020 дода шудааст.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" тайин шудааст.

Аз натиҷаи муҳокимаи диссертатсия чунин қарор қабул карда шуд:

Мубрамияти мавзӯи рисола дар аввалиндараҷа будани муаммои рушди лаёқатмандии мактабиёни хурдсол дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда мешавад. Дар марҳалаи имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба бачагоне, ки аз ҳамсолон пеш рафта, дорои нишонаҳои зеҳни нодир мебошанд, вазифаи муҳимтарини муассисаҳои таълимист. Вобаста ба ин, муаммои лаёқатмандӣ имрӯз дар низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ торафт мубрам мегардад. Ин пеш аз ҳама, бо эҳтиёҷ доштани ҷомеа ба шахсияти эҷодкори нотакрор алоқаманд аст. Инкишофи низоми кор бо хонандагони лаёқатманд яке аз вазифаҳои асосии илми муосири педагогика ва амалияи таҳсилот дар шароити такмили низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Дар шароити раванди педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ номувофиқатии ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои инкишофи лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва набудани маҷмӯи воситаҳои ташхисӣ падидор гардидааст, ки зарурияти коркарди технологияи педагогии инкишофи лаёқатмандии хонандагон ба миён омад, ки дар он сатҳи инкишофи қобилияти ҳар як кӯдак ба ҳисоб гирифта мешавад ва амалисозии онҳо дар раванди таълим бо фароҳам овардани шароити зарурӣ алоқаманд мебошад.

Аз ин лиҳоз, коркарди нокифоя ва набудани таҳқиқоти махсуси муаммо дар ин самт имкон додааст, ки мавзӯи таҳқиқот муайян карда шавад.

Муаммои мазкур, дар назди олимон ва муассисаҳои таълимӣ вазифаи бознигарии роҳҳои рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсолро дар ҷомеаи зудтағйирёбанда мегузорад. Аз ин рӯ, муассисаҳои

таълимиро зарур аст, ки рушди созгори низоми амалиёти таълимии универсалиро дар таркиби амалҳои шахсиятӣ, танзимкунанда, маърифатӣ ва коммуникативии бачагони боистеъдод ва лаёқатманд таъмин намоянд. Бинобар ин, ошкор намудан ва инкишоф додани лаёқатмандии хонандагон, омӯзиши шароит ва омилҳое, ки барои рушди қобилияти зеҳниву эҷодии бачагон мусоидат мекунанд, яке аз муаммоҳои мубрами раванди таҳсилот ба шумор меравад, ки мубрамияти масъалаи таҳқиқотро собит менамояд.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Ҳошимова Г.Г. як қисмати муҳими нақшаи илмӣ-тадқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" буда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ, барномаҳои таълимӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ таҳия гардидааст.

Дар кори илмӣ асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; функсияҳо ва қоидаҳои имконияти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян гардиданд, ки барои аз ҷониби хонандагон аз худ намудани донишу маҳорати дар фаъолияти ҳаёти минбаъдаи онҳо зарурӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат менамоянд; мафҳуми «рушди лаёқатмандии хонандагон» ҳамчун тавсифи ҳамгиро инкишофёбандаи шахсият ифода гардидааст; робитаҳои қонунӣ, ҳамбастаи байни ҷузъҳои ташкили

дидгоҳи ба шахсият нигаронида, ки дар таълими хонандагон татбиқ мешавад, ошкор шуданд.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, арзёбии диалектологии раванди таълиму тарбия, равшану возеҳ будани фарзияи (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар муайян намудани хусусиятиҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда,. нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок кунад. Дар бобати муайян сохтани асосҳои педагогию психологии рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути интихоб ва истифодаи супоришҳои махсус, санҷидани сатҳи лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар раванди таълим; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ, ҳамчунин, хулосаю маводи озмоишӣ-таҷрибавии натиҷаи оморӣ дошта, ки аз таҷрибаи фаъолияти омӯзгорӣ мебошад, аз саҳмгузории назарраси таҳқиқгар шаҳодат медиҳад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо методологияи илмӣ, низоми методҳо ва методикаҳое, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, тариқи мувофиқатсозии интихоб ва тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коркарди математикии маълумоти эмперикӣ таъмин гардидааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:

- сохтори барномаи имконияти педагогии (қоидаҳо ва мундариҷа) инкишофи лаёқатмандии хонандагон коркард шудааст;

- хусусият ва моҳияти мафҳуми «лаёқатмандии бачагон» муайян карда шудааст;

- асоси мундариҷавӣ-технологии (меъёр ва сатҳ, ташхис, методика) инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол коркард гардидааст;

- шароит ва имконияти педагогӣ барои раванди самарабахши рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудааст;

- имконияти педагогии амалисозии технологияи педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва тариқи озмоиш тасдиқ карда шудааст.

Аҳамияти назарии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар такя ба назарияҳои фалсафӣ оид ба лаёқатмандӣ (Афлотун, Арасту, Суқрот), дар маҷрои лаёқатмандии зеҳнӣ (Г. Айзенк, Р. Амтхауэр, Д.Векслер, Ф.Вернон, Р.Кеттел, Ч.Спирмен, Л.Термен, Л.Терстоун, В.Н.Дружинин, В.Д.Шадриков, М.А.Холодна). лаёқатмандии эҷодӣ (Дж. Гилфорд, П.Торренс, А.М. Матюшкин, В.В.Панов, Д.В.Яртсев, Д.Г.Ганелин), серпаҳлуии лаёқатмандӣ (К.Тейлор, Б.М.Теплов), муносибати ҳамгиро ба омӯзиши лаёқатмандии шахсият дар маҷмӯъ (Ҷ.Рензулли, Б.Блум, Н. С.Лейтес, Ю.Д.Бабаева, И. С.Аверина, Д. Б.Богоявленская, А. Б.Брушлинский, А.И.Савенков, В.С.Юркевич, Е.Щебланова, А.В.Хуторской, Л.М.Нарикбаева), қобилияти хонандагон дар фаъолияти амалӣ (Б.Маҷидова), ошкорсозии лаёқатмандии хонандагон дар мактаб ва нақши омӯзгор зимни кор бо бачагони лаёқатманд (М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода), тарбияи бачагони дар мусиқӣ лаёқатманд (Юлдошева М.Р.) мураттаб гардидааст.

Дар диссертатсия понздаҳ нишондиҳандаҳои шахсияти хонандаи хурдсоли лаёқатманд муайян ва тавсиф карда шуда, оид ба инкишофи тамоми нишондиҳандаҳои лаёқатмандӣ корҳои озмоишиву назортӣ анҷом дода шуда, натиҷаҳо дар ҷадвалҳои ҷамъбастӣ инъикос гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки методҳои дидактикии коркардшуда, тависияҳои методӣ бо истифодаи воситаҳои инноватсионӣ дар раванд таълими ибтидоӣ, амалӣ гардидани таъминоти

методӣ ва коркарди низоми меъёрҳову нишондиҳандаҳои лаёқатмандӣ ҷиҳати рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, метавонанд истифода шаванд.

Тавсияҳои педагогии дар рисола пешниҳод гардида метавонанд ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва падару модарон ҷиҳати муайян ва рушд додани сатҳи лаёқатмандии мактаббачагони хурдсол кӯмаки амалӣ расонад.

Натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмӣ-назарии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дар конференсияҳои илмӣ-назарии ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидаанд.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 25 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла дар 6 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда инъикос ёфтаанд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Кори диссертатсионии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар мавзӯи "Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳое, ки дар "Низомномаи намунавии тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ"-и КОА назди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, пурра ҷавобгӯ аст.
2. Кори диссертатсионии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар мавзӯи "Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз

рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҳмонова Дилбар Зикриёевна тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" муҳокима ва кабул шудааст.

Дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" –14 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" –нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (суратҷаласаи №8 аз 26 марти соли 2021).

Мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров", номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент — Элмуродова Садбарг Худойназаровна

Котиби ҷаласаи кафедраи педагогикаи
ичтимоӣ ва касбӣ — Ғафорова Сурайё Пӯлотҷоновна

26 марти соли 2021.

**Маълумот барои тамос:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1.тел.(+992)927233378. почтаи элек.: Sadbarg_68@br.ru вебсайт: www.hgu.tj

Имзои С.Х.Элмуродоваро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» — Ашрапова З.Н.